# Таҳлили таъсири танзимкунии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, клубҳо ва толорҳои варзишӣ, федератсияҳои варзишӣ, шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш фаъолият менамоянд. |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Моҳи сентябри соли 2019 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ: | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2019 ҷойгир карда шудааст |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонун таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонун машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар | 1. Фаъолияти сусти баъзе федератсияҳои варзишӣ, надоштани сохтори мукаммал, мутахассисони соҳибтаҷриба ва баландихтисос, дар доираи гурӯҳи хурди ҳамфикрон таъсис ёфтани онҳо ва ҷавобгӯ набудани баъзе федератсияҳои варзишӣ ба талаботи аккредитатсияи давлатӣ яке аз мушкилиҳои мубрам дар ҷодаи инкишофи варзиши тоҷик мебошад. |

| | |
|---|---|
| ягон амал андешида нашавад: | Мутобиқи қонунгузорӣ федератсияи (иттифоқҳои, ассотсиатсияҳои) варзишӣ ташкилоти ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳадафи он инкишофи як ё якчанд намудҳои варзиш, таблиғи онҳо, гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва тайёр намудани варзишгарони дастаҳои мунтахаб мебошад.<br>Дар арсаи байналмилалӣ маҳз чорабиниҳо оид ба намудҳои олимпӣ аз бонуфузтарин чорабиниҳо ва муаррифгари миллату давлат ба ҳисоб рафта, барои рушду равнақи намудҳои олимпии варзиш дар таҷрибаи ҷаҳонӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.<br>Дар мусобиқа ва чемпионатҳои ҷаҳон оид ба намудҳои олимпии варзиш ишғоли ҷойҳои намоён мушкил мебошад ва дар онҳо на кам аз 80 -100 давлат иштирок менамоянд. Ғолиб ва ҷоизадори мусобиқаҳо оид ба намудҳои варзиши ғайриолимпӣ гардидани варзишгарон осон буда, бо иштироки 5-6 давлат мумкин аст мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, аз ҷумла чемпионатҳои ҷаҳон ташкил ва гузаронида шаванд.<br>Бинобар ин, федератсияҳои варзишӣ ба рушди намудҳои ғайриолимпии варзиш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, варзишгаронро низ аз рӯи ин намудҳо омода ва ба мусобиқаҳо сафарбар менамоянд.<br>Мутобиқи мактуби Вазорати адлия аз 16 апрели 2018, №10-10-150 шумораи ташкилотҳои ҷамъиятии варзишӣ 130 ададро ташкил медиҳад.<br>Гарчанде, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Низомнома оид ба аккредитатсияи давлатии федератсияҳои варзишӣ" 30 октябри соли 2015, №624 қабул гардидааст, вале то имрӯз танҳо 23 адад федератсияҳои варзишӣ ба талаботи аккредитатсияи давлатӣ ҷавобгӯ буда, аз аккредитатсия гузаштаанду халос.<br>Дар арсаи байналмилалӣ ташкилотҳои байналмилалии варзишӣ танҳо федератсияҳои варзиширо эътироф намуда, бо онҳо ҳамкорӣ менамоянд ва федератсияҳои варзишӣ дар байни мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалии варзишӣ ҳамчун пуле баромад мекунанд, ки бояд барои таҳким бахшидани муносибатҳои байналмилалӣ пайваста кӯшиш намоянд. Вале, ба ҳайати роҳбарикунадаи баъзе аз федератсияҳои варзишӣ ворид гардидани шахсони тасодуфӣ ва донишу малакаи мураббиёне, ки ба ин федератсияҳо ҷалб мешаванд то ҳол ташвишовар боқӣ мемонад.<br>Ба фаъолияти федератсияҳои варзишӣ ва тақвият бахшидани кори онҳо Пешвои муаззами миллат низ |

| | |
|---|---|
| | таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зимни суханронӣ дар Ассамблеяи XVII генералии Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқот бо масъулини соҳаи варзиш 14 феврали соли 2018 супоришҳои қатъӣ доданд.<br>Аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои бандҳои 4 ва 7 Нақшаи чорабиниҳои оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни суханронӣ дар Ассамблеяи XVII генералии Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқот бо масъулини соҳаи варзиш 14 феврали соли 2018 баён доштанд, дар баробари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии ҳамаҷонибаи фаъолияти федератсияҳои варзишӣ ва ба сафи роҳбарикунандаи федератсияҳо ҷалб намудани мутахассисони соҳибтаҷрибаю ташкилотчӣ ва бо имконияти тақвият бахшидани заминаи моддию техникии онҳо то охири сол аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронидани федератсияҳо муваззаф гардидаанд.<br>Ҷиҳати иҷрои супориши мазкур якчанд маротиба ба тамоми федератсияҳои варзишӣ мактубҳои расмӣ ҷиҳати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор ва гузаштани онҳо аз аккредитатсияи давлатӣ ирсол карда шуда, бенатиҷа боқӣ монданд.<br>Бинобар ин, дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки бақайдгирии давлатии федератсияҳои варзишӣ ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш вогузор карда шуда, ҳамзамон талаботи бақайдгирӣ бо дарназардошти талаботи аккредитатсияи давлатӣ дар лоиҳа ҷойгир карда шавад.<br>Бо мақсади танзими фаъолияти федератсияҳои варзишӣ бақайдгирии ташкилотҳои ҷамъиятии варзишӣ дар лоиҳа ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузошта шудааст.<br>2. Мушкилии дигар дар соҳаи варзиш ин ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди машқварзон, осеб ёфтани вазъи рӯҳӣ ва ҷисмонии онҳо, махсусан наврасон, ҷавонон ва занон зимни машғулият ба намудҳои ғайриолимпии варзиш, ҳамзамон сарфи назар шудани намудҳои олимпии варзиш мебошад.<br>Ин намудҳои варзиш ба саломатии инсон зараровар буда, ҳамзамон ба арзишҳои фарҳанги миллӣ мухолиф мебошанд. |

| | |
|---|---|
| | Бояд қайд намуд, маҳз чорабиниҳои варзишӣ оид ба намудҳои олимпӣ, аз ҷумла Бозиҳои олимпӣ дар арсаи байналмилалӣ аз чорабиниҳои бонуфузтарин ва муаррифгари миллату давлат ба ҳисоб рафта, барои рушду равнақи он дар таҷрибаи ҷаҳонӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.<br>Ҳамзамон, бинобар расман эътироф нагардидани намудҳои варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр аз намудҳои миллии варзиш, ки таърихан дар гурӯҳҳои нажодӣ ҳамчун шакли фаъолияти мусобиқавӣ ба вуҷуд омада, хусусияти иҷтимой-фарҳангӣ дошта, аз намудҳои гуногуни машқҳои ҷисмонӣ, варзишӣ ва бозиҳои ба худ хоси халқӣ иборат буда, дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, ҳамчун намуди миллии дигар давлатҳо расман эътироф гардидаанд, ки бисёр ташвишангез мебошад. Бахри танзими масъалаҳои болозикр дар заминаи лоиҳаи Қонун Тартиби эътироф намудани намудҳои варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад, ки барои ҳифзи намудҳои варзиши миллӣ ва инкишофи намудҳои олимпии варзиш таҳкурсии устувори ҳуқуқӣ мегардад.<br>3. Бинобар мавҷуд набудани муқаррароти танзимкунанда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор солҳои зиёд фаъолияти толорҳои хусусии варзишӣ, фитнес – клубҳо ва клубҳои дигари варзишӣ ба таври худкор ба роҳ монда шуда, ҳатто ҳолатҳои ба макони тоату ибодат табдил додани онҳо ва дар ин раванд тарғиб намудани фарҳанги бегона дар клубҳо ва толорҳои варзишӣ ба назар мерасанд. Бар замми ин, донишу малакаи мураббиёне, ки ба ин клубҳо ва толорҳои варзишӣ ҷалб мешаванд, ба талабот ҷавобгӯ набуда, надоштани донишу малака ва маҳорати дахлдори мутахассисону мураббиён оид ба расонидани хизматрасонии тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ ва хизматрасонии варзишӣ боиси латхурӣ, ҷароҳат, шикастани узви бадан ва дигар зарарҳои ҷисмонии шаҳрвандон гардидаанд.<br>Бо дарназардошти он ки мақомоти ваколатдори давлатӣ, яъне Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ягон ваколати қонунии ворид шудан ва анҷом додани назорати соҳавиро дар толорҳои хусусии варзишӣ надорад ва дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, нишондиҳандаҳои назорати соҳавӣ, аз ҷумла талаботҳо нисбати толорҳои хусусӣ, мураббиёну кормандони он, мавҷуд будани нуқтаҳои тиббӣ ва ғайраҳо пешбинӣ нагардидаанд. Дар лоиҳа бо мақсади бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта талаботҳои мушаххас пешбинӣ |

карда шудааст, ки ташкилотҳои хусусии тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ бо дарназардошти риояи онҳо метавонанд таъсис дода шаванд ва фаъолият намоянд.

4. Масъалаи дигари ҳалталаб ин дар қонунгузории амалкунанда вобаста ба сарпарастон ва эҳсонкорони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавҷуд набудани имтиёзҳо ба шумор меравад. Тарбия намудани мутахассисону доварон ва мураббиёну варзишгарони баландихтисосу касбӣ, омоданамоӣ, нигоҳдошт, таъмини онҳо бо асбобу анҷом ва таҷҳизоти варзишӣ, сафарбарнамоӣ, азнавсозӣ ва нигоҳдошти инфрасохтори варзишӣ харҷҳои зиёди молиявиро талаб менамояд, ки танҳо такя намудан ба буҷети давлатӣ баҳри расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ аз ҳисоби норасоии маблағ монеаҳо эҷод менамояд. Тибқи қонунгузории амалкунанда ҷиҳати харидории лавозимоти варзишӣ, ташкили мусобиқаҳо, ҷалби варзишгарони ҳирфаӣ ва мураббиёни соҳибтаҷриба ба дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтҳои ҳатмӣ муайян карда шудааст. Масъалаи мазкур дар лоиҳаи Қонуни навтаҳрир ба инобат гирифта шуда, бо боварии комил метавон иброз дошт, ки барои рушди босуръати варзиши тоҷик ҷалби сарпарастону эҳсонкорон ва муайян намудани имтиёзҳои мушаххас нисбати онҳо дар қонунгузории амалкунанда аз падидаҳои нотакрор ва василаи комиёбиҳои беназир хоҳад буд.

Тибқи лоиҳа сарпарастон ҳангоми маблағгузорӣ намудани чорабиниҳои варзишӣ ҳуқуқ пайдо менамоянд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери рамз ё маҳсулоти худ чорабиниҳои мазкурро гузаронанд, инчунин, рекламаи маҳсулоти худро дар ин чорабиниҳо ба роҳ монанд.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба беҳтар кардани сифати ҳаёти шаҳрвандон, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарбияи насли аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ такомулёфта, ки қобилияти ба шароити ҳаёти муосир мутобиқ шуданро дорад, тайёрии захираи варзишӣ, инчунин дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иштироки бомуваффақи онҳо дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ равона карда шудааст. Лоиҳаи Қонуни мазкур тамоми масъалаҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро, ки сиёсати кунунии давлатро дар ҷодаи дастгирии соҳаи варзиш ва варзишгарони барҷаста инъикос менамояд, дар худ таҷассум намудааст.

| | |
|---|---|
| | Инчунин, дар лоиҳаи Қонун варзиши касбӣ чун қисми таркибии варзиш, ки ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ равона шудааст, дар боби алоҳида муназзам гардидааст, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои варзишгарон ва клубҳои касбии варзиширо пурра инъикос намуда, дар оянда ба рушду равнақ ёфтани варзиши касбӣ ва ноилшавии варзишгарони кишвар ба қуллаҳои баланди касбии онҳо мусоидат менамояд.<br>Оқибатҳои эҳтимолӣ дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад:<br>1. Ба рушди намудҳои ғайриолимпии варзиш рӯй овардани федератсияҳои варзишӣ ва сарфи назар гардидани намудҳои олимпии варзиш, ки иқтидори дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намудани давлату миллатро дорад.<br>2. Давом ёфтани фаъолияти сусти баъзе федератсияҳои варзишӣ ва иҷро нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Низомнома оид ба аккредитатсияи давлатии федератсияҳои варзишӣ" аз ҷониби федератсияҳои варзишӣ.<br>3. Бе мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш сафарбар намудани варзишгарон ба мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, ки дар натиҷа барнагаштани варзишгарон аз хориҷи кишвар боиси халалдор гардидани амнияти давлатӣ мешавад.<br>4. Бидуни таҷҳизот ва асбобу анҷоми дахлдори варзишӣ ва барномаҳои таълимии дахлдор ба роҳ мондани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ аз ҷониби ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ.<br>5. Амалӣ намудани хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз тарафи шахсони тасодуфӣ, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ё олии касбӣ намебошанд ва дар натиҷа зери хатар гузоштани саломатии кӯдакону наврасон ва дигар шахсон, ки дар клубҳо ва толорҳои варзишӣ тамрин менамоянд.<br>6. Таъсис додан ва фаъолият намудани клубҳои варзишӣ бидуни системаи бехатарӣ ва расонидани ёрии тиббӣ ва дигар кумакҳо ҳангоми ҷароҳат бардоштан ва беморӣ.<br>7. Мавҷуд набудани критерияи санҷишӣ вобаста ба таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои хусусии тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ, ки мақомоти санҷишӣ бояд ба роҳбарӣ гиранд.<br>8. Аз байн рафтани намудҳои миллии варзиш ва бинобар набудани санади меъёрии ҳуқуқии мустаҳкам ва |

| | |
|---|---|
| | танзимкунанда оид ба намуди варзиш эътироф гардидани намудҳои варзиши тоҷик ҳамчун намуди миллии дигар давлатҳо.<br>9. Ҳалли худро наёфтани масъалаи маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бидуни буҷети давлатӣ, аз ҷумла тавассути ҷалб намудани сарапарастон.<br>10. Тасдиқ нагардидани санади дахлдор оид ба муқаррар намудани дараҷаи тахассусии мураббиён ва методистони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки дар натиҷа музди меҳнати онҳо ба таври муқаррарӣ кам боқӣ мемонад. Яъне, музди меҳнати мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш вобаста ба дараҷаи тахассусии онҳо зиёд карда мешавад, вале то ҳол санади дахлдори муқарраркунандаи талабот ва шартҳои дараҷаҳои тахассусӣ вуҷуд надорад.<br>11. Ба таври мушаххас танзими худро наёфтани варзиши касбӣ, ки дар натиҷа шумораи варзишгарони касбӣ рӯз аз рӯз кам гардида истодаанд. Зеро, дар баробари пардохт нагардидани музди меҳнат ба варзишгарони касбӣ, инчунин клубҳои касбии варзишӣ ва дигар ташкилотҳои варзишӣ бо онҳо шартнома ба имзо намерасонанд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ танзими худро наёфтани масъалаи мазкур дар амалия боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои варзишгарони касбӣ шуда истодааст. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бо дарназардошти он ки мақомоти ваколатдори давлатӣ, яъне Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ягон ваколати қонунии ворид шудан ва анҷом додани назорати соҳавиро дар толорҳои хусусии варзишӣ надорад ва дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, нишондиҳандаҳои назорати соҳавӣ, аз ҷумла талаботҳо нисбати толорҳои хусусӣ ё мураббиёни он, мавҷуд будани нуқтаҳои тиббӣ ва ғайраҳо пешбинӣ нагардидаанд, зарурати муқаррар намудани талаботҳои ягона ба тамоми ташкилотҳои хусусии тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ рӯйи кор омадааст, ки танҳо дар сурати риояи онҳо ташкилотҳои мазкур ҳуқуқи таъсис ёфтан ва фаъолият намуданро доранд.<br>Мавҷуд набудани талаботҳои мушаххас вобаста ба таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои варзишии хусусӣ боиси бенизомӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, латхурӣ, ҷароҳат, шикастани узви бадан ва дигар зарарҳои ҷисмонии шаҳрвандон гардидаанд.<br>Мавҷуд будани системаи таъмини бехатарӣ, расонидани ёрии тиббӣ ва дигар кӯмакҳо ҳангоми |

ҷароҳат бардоштан, беморӣ ва латхӯрӣ шарти хатмӣ ва қисми ҷудонопазири хизматрасонии тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ дар объектҳои варзишӣ мебошад, вале аз сабаби мавҷуд набудани ягон меъёри танзимкунанда, талаботҳои мазкур риоя намегарданд.

Бинобар ин, барои ҳалли проблемаҳои болозикр, танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба расонидани хизматрасонии тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ ва хизматрасонии варзишӣ ва бо мутахассисони соҳибкасб таъмин намудани объектҳои варзишӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва ҳифзи бехатарии ҳаёту саломатии онҳо аз амалҳои соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияти бетахассус ё хатарнокро барои ҳаёт ва саломатии инсон амалӣ менамоянд, зери назорати ҷиддӣ қарор додани фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, муҳим арзёбӣ мегардад.

Мушкилии асосии рушди варзиши тоҷик ин ба шумораи кофӣ мавҷуд набудани сарпарастон-эҳсонкорон мебошад.

Мақсади дигари дахолат ин ҷалби шумораи зиёди сарпарастон ва таъмини маблағгузории соҳа аз сарчашмаҳои дигар ба истисной буҷети давлатӣ ба шумор меравад.

Дар доираи қоида ва талаботи нав аз як тараф тайёрии ҷиддӣ зимни омодагӣ ба иштирок дар чунин бозиҳо талаб гардад, аз ҷониби дигар боиси сарфи маблағҳои калон барои таъмини иштироки аъзои дастаи мунтахаби кишвар дар мусобиқаҳои сатҳи гуногуни байналмилалӣ мешавад.

Аз олимпиада то олимпиада 4 сол аст, ки дар ин давра варзишгар бояд дар 15-20 мусобиқаи байналмилалӣ ва 25-30 ҷамъомадҳои машқӣ-варзишӣ байни беҳтарин варзишгарони ҷаҳонӣ иштирок намояд. Барои омода намудани як варзишгар бояд ҳадди ақал мураббиён, психолог ва маҳсгар бо ӯ дар самтҳои ҷисмонӣ, техникӣ ва психологӣ омодагӣ бинанд.

Варзишгар бояд табиби махсус дошта бошад, ки саломатӣ, истифода накардани доруҳои мамнӯъ, яъне допинг ва истеъмоли хӯроки ӯро ҳамеша таҳти назорат гирад.

Бо такя ба таҳлилҳои ҷойдошта ҷараёни тайёрии варзишӣ дар арсаи байналмилалӣ рушд ёфта, то дараҷае бо мураккаб гардидани низоми интихоби варзишгарон ва дарёфти роҳхатҳо зарурати ҳарчӣ бештар иштирок намудани варзишгаронро дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ тақозо менамояд.

| | |
|---|---|
| | Новобаста ба анҷом додани тадбирҳо сатҳи дониш ва малакаи касбии мураббиёни тоҷик дар сатҳи нокифоя буда, масъалаҳои такмили ихтисоси мураббиёне, ки ба омодагии олимпӣ машғул мебошанд, тавассути ҷалб намудани онҳо ба курсҳои такмили ихтисоси ҳатмии ҳарсола, иштирок дар курсҳо, конференсияҳо, семинарҳо, таҷрибаомӯзӣ дар кишварҳои хориҷа ҷиҳати дар сатҳи баланд омода намудани варзишгарон ба бозиҳои олимпӣ зарур шуморида мешавад. Инчунин, зарур аст, ки масъалаи ҷалби мураббиёни соҳибихтисос аз кишварҳои хориҷӣ аз рӯи намудҳои варзиш ба таври ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.<br>Албатта баҳри расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ дар ҷодаи омода намудани варзишгарони ҳирфаӣ ва муаррифии шоистаи давлату миллат дар баробари маблағгузорӣ гардидани соҳа аз буҷети давлатӣ, инчунин ҷалби сарпарастону эҳсонкорон бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, барои ҷалби сарпарастон дар лоиҳа имтиёзҳои дахлдор ва бо мақсади таъмини маблағгузории соҳа аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба субъектҳои бизнеси бозӣ ва идораҳои букмекерӣ ҳиссаҷудокунии мақсаднок аз даромади онҳо барои рушди намуди варзиш дар лоиҳа пешбинӣ гардидааст. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ҷиҳати иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09 апрели соли 2015, №сод.227Пм аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия гардидааст.<br>Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаҳои мазкурро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ташкил медиҳад.<br>Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чун падидаи муҳим яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар маҳсуб ёфта, тарғибгари арзишҳои барҷастаи инсонӣ, омили таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории на танҳо варзишгарон, балки халқу давлатҳо ба шумор меравад. Фазои варзиши тоҷик ба ислоҳоти комили танзими ҳуқуқӣ ниёз дошта, дар таҳрири нав таҳия гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» боиси ҳалли мушкилиҳои зиёди ҷойдошта ва ба назорати соҳавӣ гирифтани самтҳои алоҳидаи варзиш дар кишвар мегардад.<br>Варзиши кӯдакон ва наврасон бахши таркибии тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб рафта, таърихан ҳамчун фаъолияти мусобиқавӣ ва таҷрибаи махсуси омодагии |

варзишгарони наврас ва ҷавон ба мусобиқаҳои варзишӣ шакл гирифтааст. Бинобар ин, лоиҳаи Қонуни мазкур дар баробари муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш", инчунин меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон"- ро бо дарназардошти ташаккулёбии муносибатҳои мавҷуда ва такмил ёфтани санадҳои ҳуқуқӣ комилан дар бар гирифта, танзим ва мукаммал намудааст.

Дар лоиҳа тамоми мафҳумҳои асосӣ, ки барои ҳалли худро ёфтани баҳсҳои молияву ҳуқуқӣ, ҳамзамон пешбурди фаъолият зарур мебошанд, пешбинӣ карда шудаанд. Масалан, аз сабаби муайян нагардидани мафҳуми чорабиниҳои расмии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чанд соли охир дар ҷодаи муқаррар ва пардохт кардани меъёри иловапулӣ ба мураббиён барои дастовардҳои намоён вобаста ба ин намуди чорабинӣ нофаҳмиҳо ба миён омадааст. Ҳатто вобаста ба муайян намудани мафҳуми мураббӣ, ки ба назар оммафаҳм мебошад, мавриди тазаккур аст, ки маҳз дар мафҳуми пешбинигардида тамоми талаботҳое, ки доштани онҳо барои мураббӣ эътироф намудани шахс зарурат доранд, дақиқ муайян карда шудааст ва минбаъд бо мақсади пешгирӣ намудани ҷароҳат ва латхӯрӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар тамоми иншоотҳои варзишӣ новобаста ба тобеъияти идоравӣ ва шакли моликият танҳо мураббиёни варзишӣ бояд фаъолият намоянд.

Ҳамзамон, дар лоиҳа субъектҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ваколат ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо мушаххас баён гардидааст, ки минбаъд ҳангоми ташкил ва баргузории чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ ҳамаи субъектҳои мавҷуда дар доираи ваколатҳои пешбинигардида вазифаҳои худро иҷро менамоянд. Вобаста ба федератсияҳои варзишӣ, ки бо мақсади инкишоф додани як ё якчанд намуди варзиш, ташвиқу таблиғи онҳо, ташкил, инчунин гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва тайёр намудани варзишгарон – аъзои дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд, мавриди тазаккур аст, ки минбаъд тамоми федератсияҳои варзишӣ аз рӯи намудҳои варзише, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ташкил мегарданд.

Субъектҳои бизнеси бозӣ ва ё ташкилкунандаи бозӣ дар идораҳои букмекерӣ, ки доир ба чорабиниҳои варзишӣ гарав мебанданд, рамзи чорабинии тарбияи ҷисмонӣ ё чорабинии варзишӣ ва номи чорабиниҳои мазкурро истифода менамоянд ва ё аз рӯи чорабиниҳои варзишӣ, мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ фоида ба даст меоранд, уҳдадор карда мешаванд, ки панҷ фоизи даромади худро дар намуди ҳиссаҷудокунии мақсаднок

| | |
|---|---|
| | ба суратҳисоби махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузаронанд. Тартиби истифодабарии маблағҳои мазкурро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян ва тасдиқ менамояд.<br>Мутобиқи лоиҳа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба расонидани хизматрасонӣ ба ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ–варзишӣ ва варзишгарони алоҳида машғул шаванд, маҳсулоти тарбияи ҷисмониию варзишӣ ва молҳои ба он вобастаро истеҳсол намоянд, тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро дар фаъолияти рекламавӣ истифода намоянд.<br>Таҳлили таҷрибаи давлатҳои Россия, ШМА, Ирландия, Австралия, Украина, Британия, инчунин давлатҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки самти варзиш дар баробари маблағгузорӣ гардидан аз буҷети давлатӣ, ҳамзамон намудҳои алоҳидаи варзиш аз ҷониби вазорату идораҳо ва корхонаҳои калони саноатию тиҷоратӣ таҳти сарпарастию эҳсонкорӣ қарор дода мешаванд. Масалан, дар ин давлатҳо сарпарастии асосии соҳаи варзиш, аз ҷумла аз ҷониби истеҳсолкунандагони лавозимоти варзишӣ то 9 фоиз, бонкҳо то 8 фоиз, воситаҳои электронӣ то 7 фоиз, истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ то 6 фоиз, саноат 6 фоиз, телекоммуникатсия то 6 фоиз, атриёт (парфюмерия) ва тиб то 5 фоиз ва ширкатҳои ҳавонавардӣ то 5 фоиз ҳамасола амалӣ карда мешавад.<br>Тибқи таҳлилҳои ҷойдошта варзиши байналмилалӣ ҳамеша рушд намуда, қоидаҳои навро ба худ касб менамояд, ки онҳо хароҷоти иловагиро ҷиҳати иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ тақозо менамояд.<br>Мушкилии асосии рушди варзиши тоҷик ин ба шумораи кофӣ мавҷуд набудани сарпарастон-эҳсонкорон мебошад.<br>Дар доираи қоида ва талаботи нав аз як тараф тайёрии ҷиддӣ зимни омодагӣ ба иштирок дар чунин бозиҳо талаб гардад, аз ҷониби дигар боиси сарфи маблағҳои калон барои таъмини иштироки аъзои дастаи мунтахаби кишвар дар мусобиқаҳои сатҳи гуногуни байналмилалӣ мешавад.<br>Аз олимпиада то олимпиада 4 сол аст, ки дар ин давра варзишгар бояд дар 15-20 мусобиқаи байналмилалӣ ва 25-30 ҷамъомадҳои машқӣ-варзишӣ байни беҳтарин варзишгарони ҷаҳонӣ иштирок намояд. Барои омода |

намудани як варзишгар бояд ҳадди ақал мураббиён, психолог ва маҳсгар бо ӯ дар самтҳои ҷисмонӣ, техникӣ ва психологӣ омодагӣ бинанд.

Варзишгар бояд табиби махсус дошта бошад, ки саломатӣ, истифода накардани доруҳои мамнӯъ, яъне допинг ва истеъмоли хӯроки ӯро ҳамеша тахти назорат гирад.

Бо такя ба таҳлилҳои ҷойдошта ҷараёни тайёрии варзишӣ дар арсаи байналмилалӣ рушд ёфта, то дараҷае бо мураккаб гардидани низоми интихоб варзишгарон ва дарёфти роҳхатҳо зарурати ҳарчӣ бештар иштирок намудани варзишгаронро дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ тақозо менамояд.

Новобаста ба анҷом додани тадбирҳо сатҳи дониш ва малакаи касбии мураббиёни тоҷик дар сатҳи нокифоя буда, масъалаҳои такмили ихтисоси мураббиёне, ки ба омодагии олимпӣ машғул мебошанд, тавассути ҷалб намудани онҳо ба курсҳои такмили ихтисоси ҳатмии ҳарсола, иштирок дар курсҳо, конференсияҳо, семинарҳо, таҷрибаомӯзӣ дар кишварҳои хориҷа ҷиҳати дар сатҳи баланд омода намудани варзишгарон ба бозиҳои олимпӣ зарур шуморида мешавад. Инчунин, зарур аст, ки масъалаи ҷалби мураббиёни соҳибихтисос аз кишварҳои хориҷӣ аз рӯи намудҳои варзиш ба таври ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Албатта баҳри расидан ба ҳадафҳои ниҳой дар ҷодаи омода намудани варзишгарони ҳирфай ва муаррифии шоистаи давлату миллат дар баробари маблағгузорӣ гардидани соҳа аз буҷети давлатӣ, инчунин ҷалби сарпарастону эҳсонкорон бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Бинобар ин, тибқи лоиҳа субъектҳои бизнеси бозӣ ва ё ташкилкунандаи бозӣ дар идораҳои букмекерӣ, ки доир ба чорабиниҳои варзишӣ гарав мебанданд, рамзи чорабинии тарбияи ҷисмонӣ ё чорабинии варзишӣ ва номи чорабиниҳои мазкурро истифода менамоянд ва ё аз рӯи чорабиниҳои варзишӣ, мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ фоида ба даст меоранд, ӯҳдадор карда мешаванд, ки панҷ фоизи даромади худро дар намуди ҳиссаҷудокунии мақсаднок ба суратҳисоби махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузаронанд. Тартиби истифодабарии маблағҳои мазкурро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян ва тасдиқ менамояд.

| | |
|---|---|
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмӯъ баҳри танзим намудани соҳа, мукаммал намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тақвият бахшидани фазои ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ бидуни таҳияи лоиҳаи мазкур имконнопазир мебошад.<br>Барои ба рушди намудҳои олимпии варзиш рӯй овардани федератсияҳои варзишӣ, ки иқтидори дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намудани давлату миллатро дорад, яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот ин тасдиқ намудани тартиби ягонаи эътирофнамоии намудҳои варзиш ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, эътирофи намудҳои ғайриолимпии варзиш низ мувофиқи мақсад мебошад, вале танҳо он намудҳои ғайриолимпие эътироф карда шаванд, ки аз ҷониби Кумитаи байналмилалии олимпӣ ва Шӯрои олимпии Осиё эътироф шуда бошанд.<br>Барои тақвият бахшидани фаъолияти федератсияҳои варзишӣ ва ба ҳайати сафи роҳбарикунанда ҷалб намудани шахсони ботаҷриба ва соҳибкасб, ки иқтидори воқеии рушди намуди варзишро доранд, ҳамзамон танзими фаъолияти федератсияҳои варзишӣ минбаъд бақайдгирии федератсияҳои варзишӣ ба ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузошта мешавад.<br>Мушкилии дигар дар самти аз аккредитатсияи давлатӣ нагузаштани федератсияҳои варзишӣ ва ҷавобгӯ набудани федератсияҳо ба талаботи аккредитатсия мебошад.<br>Мутобиқи талаботи Низомнома оид ба аккредитатсияи давлатии федератсияҳои варзишӣ федератсияи варзишӣ оид ба намуди варзиш, ки аз аккредитатсияи давлатӣ нагузаштааст, ҳуқуқ надорад:<br>- номзадии варзишгарон ва мураббиёнро барои сазовор гардонидан ба дараҷа ва унвонҳои варзишӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод намояд;<br>- ҳангоми таҳияи Тақвими ягонаи чорабиниҳои оммавии варзишӣ, солимгардонӣ ва иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ барои соли минбаъда ба мақоми ваколатдори давлатӣ таклифу пешниҳодҳо манзур кунад.<br>Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" ҳамкории мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо федератсияҳои варзишӣ яке аз принсипҳои асосии қонунгузорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муайян гардидааст, вале аз сабаби ҷавобгӯ набудани федератсияҳои варзишӣ ба талаботи аккредитатсияи |

| | |
|---|---|
| | давлатӣ мақоми ваколатдори давлатӣ наметавонад варзишгаронро ба унвонҳо ва дараҷаҳои варзишӣ сазовор гардонад. Дар баробари ин, чорабиниҳои федератсияҳои варзишӣ ба Тақвими ягонаи чорабиниҳои оммавии варзишӣ, солимгардонӣ ва иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ворид намегарданд, ки дар натиҷа мусобиқаҳои варзишие, ки ин федератсияҳои варзишӣ мегузаронанд ба сифати мусобиқаҳои расмии варзишӣ эътироф намегарданд ва мувофиқан мураббиёни ин варзишгарон низ аз рӯи дастовардҳои онҳо оид ба ин намудҳои варзиш аз имтиёзҳои гуногуни муқарраргардида баҳраманд намебошанд.<br>Мушкилии дигар дар самти рушди варзиши тоҷик ин баъд аз иштирок дар мусобиқаи байналмилалӣ ба давлат барнагаштани баъзе аз варзишгарон мебошад.<br>Айни ҳол, ташкилотҳои гуногуни варзишӣ таъсис дода шудаанд, ки барои омода намудани варзишгарон машғул ҳастанд, вале аз сабаби он ки мақоми ваколатдори давлатӣ ягон намуди ваколати таъсиррасониро надорад, ин ташкилотҳои варзишӣ мустақилона варзишгаронро ба хориҷи кишвар сафарбар намуда истодаанд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки гирифтани раводид барои иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ барои варзишгарон нисбатан осон мебошад. Бинобар ин, варзишгарон бо пешниҳоди далели иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ ба хориҷа рафта, вале барнамегарданд, ки ин боиси дар баробари кам гардидани шумораи варзишгарони касбӣ, ҳамзамон боиси халалдор гардидани амнияти давлатӣ шуда истодааст.<br>Мушкилии дигар ин бидуни таҷҳизот ва асбобу анҷоми дахлдори варзишӣ ва барномаҳои таълимии дахлдор, инчунин аз тарафи шахсони тасодуфӣ, ки дорои тахсилоти миёнаи касбӣ ё олии касбӣ намебошанд ба роҳ мондани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ мебошад.<br>Бо мақсади ҳалли мушкилии мазкур, ҳифзи саломатии кӯдакону наврасон ва дигар шахсон, ки дар клубҳо ва толорҳои варзишӣ тамрин менамоянд дар лоиҳаи Қонун талаботи мушаххас вобаста ба доштани барномаҳои таълимӣ, асбобу анҷом ва таҷҳизоти варзишӣ пешбинӣ гардидааст.<br>Мушкилии асосӣ дар роҳи рушди варзиш ин аз ҷониби соҳибкорон ё ташкилотҳои гуногун сарпарастӣ нагардидани соҳаи варзиш мебошад. |

| | |
|---|---|
| | Бо мақсади ҷалби сарпарастон нисбати онҳо як қатор имтиёзҳо пешбинӣ карда шуданд, аз ҷумла сарпарастон ҳангоми маблаггузорӣ намудани чорабиниҳои варзишӣ ҳуқуқ пайдо мёнамоянд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери рамз ё маҳсулоти худ чорабиниҳои мазкурро гузаронанд, инчунин, рекламаи маҳсулоти худро дар ин чорабиниҳо ба роҳ монанд.<br>Ба таври мушаххас танзими худро наёфтани варзиши касбӣ боиси рӯз аз рӯз кам гардидани шумораи варзишгарони шудааст. Зеро, дар баробари пардохт нагардидани музди меҳнат ба варзишгарони касбӣ, инчунин клубҳои касбии варзишӣ ва дигар ташкилотҳои варзишӣ бо онҳо шартнома ба имзо намерасонанд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ танзими худро наёфтани масъалаи мазкур дар амалия боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои варзишгарони касбӣ шуда истодааст.<br>Ҷалб намудани сарпарасон ва эҳсонкорон, инчунин тавассути муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ тавассути ворид намудани иловаи дахлдор ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиси фонди ягона барои рушди намудҳои олимпии варзиш низ имконпазир аст. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути барномаҳои давлатӣ ва маблағгузории нақшаи ягонаи тақвимии чорабиниҳои варзишӣ аз буҷети давлатӣ амалӣ мегардад.<br>Барои маблағгузории мусобиқаҳои варзишӣ дар аввали сол нақшаи ягонаи тақвимии чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ ва иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ мутобиқи қонунгузорӣ тасдиқ карда мешавад.<br>Вобаста ба ҳавасмандгардонии варзишгарон тавассути мукофотпулӣ ва стипендиҳо бояд зикр намуд, ки масъалаи мазкур дар банди 20 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 майи соли 2017, №260 тасдиқ гардидааст ва Меъёрҳои талабот ва андозаи мукофотпулиҳои Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, №493 «Дар бораи татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2015, №328» тасдиқ шудааст, пешбинӣ ва амалӣ гардида истодааст. |

Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколати худ маблағгузории соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва аз ҳисоби дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст амалӣ менамоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба клубҳо ва толорҳои варзишии давлатӣ бо роҳҳои зерин мусоидат менамоянд:

- таъсис, таъмир, азнавсозии иншооти варзишӣ ва объектҳои дигари варзишӣ;
- барои истифодаи беподош ё иҷораи дарозмуддат бо шартҳои имтиёзнок додани бино ва иншооте, ки моликияти давлатӣ мебошад;
- таъмин намудан бо асбобу анҷом ва таҷҳизоти варзишӣ;
- намуди дигари кумакҳо тибқи тартиб ва ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳия ва таъмини маблағгузории нақшаи ягонаи тақвимии чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва мактабҳои маҳорати олии варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таъмини иштироки варзишгарони беҳтарин дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 майи соли 2017, №260 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ гардида, дар доираи маблағҳои мазкур амалӣ карда мешавад, дар баробари ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, миллӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо барномаҳои маҳаллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

Оқибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ:

Дар заминаи лоиҳаи мазкур бо мақсади солимӣ ва омодагии аҳолӣ ба меҳнат ва дифоъ, муайян намудани қувватнокӣ, тобоварӣ, қаишӣ ва суръатнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба синну сол меъёрҳои миллии тарбияи ҷисмонии аҳолӣ муқаррар карда мешавад, ки ҳамасола шаҳрвандони аз синни 6 то 70 сола ва зиёд аз он меъёрҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ ва солимии аҳолиро месупоранд.

| | |
|---|---|
| | Ба шахсоне, ки меъёрҳои миллиро бо тартиби муқаррааргардида месупоранд, яъне чойҳои 1, 2 ва 3-ро ишғол менамоянд, бо шаҳодатномаи меъёрҳои миллӣ сарфароз гардонида мешаванд.<br>Бояд қайд намуд, ки маблағи миёнаи тайёр намудани як адад шаҳодатномаи 2 сомониро ташкил медиҳад.<br>Агар дар як сол аз шумораи умумии шаҳрвандони дахлдор дар ҷумҳурӣ 500000 (панҷсад ҳазор) нафар меъёрҳои мазкурро супоранд, моро зарур аст, ки 500000 (панҷсад ҳазор) шаҳодатнома тайёр намоем, ки маблағи умумии онҳо 1 миллион сомониро ташкил медиҳад.<br>Вобаста ба муқаррар намудани уҳдадорӣ нисбати субъектҳои бизнеси бозӣ ва идораҳои букмекерӣ ва гузаронидани 5 фоизи даромади онҳо ба суратҳисоби махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ бояд зикр намуд, ки дар сурати қабул гардидани лоиҳа аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш Дастурамали истифодабарии маблағҳои мазкур тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян ва тасдиқ карда мешавад.<br>Масалан, агар даромади солонаи идораҳои букмекерӣ дар як сол 1000000 (як миллион) сомониро ташкил диҳад, пас 5 фоизи он, яъне 50000 сомонӣ дар як сол ба суратҳисоби махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузаронида мешавад. Маблағҳои мазкур аслан барои рушди варзиши кӯдакон ва наврасон, варзиши касбӣ, инкишофи намудҳои олимпӣ ва миллии варзиш равона хоҳад шуд.<br>Дар натиҷаи қабули лоиҳаи мазкур ва ташкили нуқтаҳои тиббӣ дар ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ-варзишии хусусӣ ба мутахассисони соҳаи тиб ҷойҳои холии корӣ фароҳам оварда мешаванд, ки ин барои болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.<br>Дар баробари ин, қабули лоиҳа ва фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи варзиш тавассути таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба рушди варзиши оммавӣ, инкишофи қобилияти ҷисмониву маънавӣ, ба машғулиятҳои мунтазами тарбияи ҷисмонӣ фаро гирифтани наврасону ҷавонон ва эмин будани онҳо аз кирдорҳои номатлуб, аз қабили ҳуқуқвайронкуниву ҷинояткорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабули лоиҳаи мазкур таъмин намудани тамоми ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ бо мутахассисони соҳибкасби дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ё олии касбӣ дар назар аст, ки боиси инкишофи соҳа ва бартараф намудани латхӯрӣ ва ҷароҳатбардории машқварзон бинобар надоштани ихтисоси мураббиён |

| | |
|---|---|
| | мегардад. Бо дарназардошти мухлати таълим дар муассисахои тахсилоти олии касбӣ мумкин аст мушкилоти мазкур дар давоми 4-5 сол пас аз қабули лоиҳа амалӣ карда шавад.<br>Федератсияҳои варзишӣ ва тамоми ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш пас аз қабули лоиҳа кӯшиш менамоянд, ки барои омода намудани варзишгарон ба намудҳои олимпии варзиш таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.<br>Намудҳои олимпӣ ва миллии варзиш тибқи санади дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ эътироф мегарданд, ки ба инкишофи намудҳои миллии варзиш, ҳамзамон ҳифзи онҳо аз эътирофнамоӣ аз ҷониби давлатҳои дигар мусоидат менамояд.<br>Дар натиҷаи ба ҳам мувофиқ намудани талаботҳои аккредитатсияи давлатӣ ва бақайдгирии ташкилотҳои ҷамъиятии тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ тамоми федератсияҳои варзишӣ кӯшиш менамоянд фаъолияти худро ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мутобиқ намоянд, ки эҳтимоли пурра танзими худро ёфтани масъалаи мазкур дар мухлати 1 сол пас аз қабули лоиҳаи имконпазир арзёбӣ мегардад. Зеро, ташкилотҳои ҷамъиятии тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ, ки то мавриди амал қарор додани лоиҳа таъсис дода шудаанд, на дертар аз як сол пас аз қабули лоиҳаи Қонуни мазкур бо озод кардан аз пардохти боҷи давлатӣ аз нав ба қайд гирифта мешаванд.<br>Дар мухлати як даври олимпӣ (4 сол) пас аз қабули лоиҳаи Қонуни мазкур ва ҳалли худро ёфтани масъалаи сарпарастии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба натиҷаи баланди варзишӣ ноил гардидани шумораи зиёди варзишгарон дар назар аст. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Моҳи ноябр-декабри соли 2019 |

Раиси Кумита А.Абдуллозода